**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ).

Масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсбарангез арзёбӣ мегардад. Ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи мазкур ба монанди мафҳуму намудҳои ҷавобгарӣ, мақсад ва моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таҳаввули таърихии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ба назар мерасад. Аммо, ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии кишвар нисбатан таваҷҷуҳи маҳдуд зоҳир гардидааст. Аз ин ҷост, ки бисёре аз паҳлуҳои ин масъала ҳанӯз норавшан боқӣ монда, ба таҳқиқоти комплексии алоҳида ниёз доранд.

Дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо шаҳрвандон ва давлату ҷомеа зарари калон мебинанд. Дар баробари ин, мо танҳо ба зарари бевоситаи ҳуқуқвайронкунӣ эътибор медиҳем, ҳол он ки хароҷоти ғайримустақим вобаста ба тафтиши категорияҳои гуногуни парвандаҳо, баррасии онҳо дар суд, нигоҳдории маҳкумшудагон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, айбдоршаванда дар ҳабси пешакӣ ва ғайра вуҷуд дорад. Ҳолати мазкур ифодакунандаи он аст, ки дар натиҷаи

ҳуқуқвайронкунӣ оқибатҳои номусоид ва зарар хеле калон мебошад. Аз ин рӯ, проблемаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷузъи масъалаҳои назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, вобаста ба афзоиши солонаи сифатӣ ва миқдорӣ дараҷаи ҳуқуқвайронкуниҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Нақш ва аҳаммияти институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷомеа дар функсияҳояш зоҳир гардида, ба мақсади ҷавобгарӣ низ алоқаи зич дорад. Омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба дарки амиқтари моҳияти онҳо мусоидат хоҳад кард. Татбиқ ва амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сатҳи қонуният ва ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, сифати меъёрҳои ҳуқуқиро нишон медиҳад, ки дар ниҳоят самаранокии тамоми низоми ҳуқуқро бозгӯ менамояд. Аммо, доираи масъалаҳое, ки ба мақсадҳо, принсипҳои он ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманданд, ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илми ҳуқуқи ватанӣ беш аз пеш мубрам мебошад. Бо назардошти ин, метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Ализода И.И. оид ба масъалаи зикршуда, аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Муаллиф ба паҳлуҳои мухталиф ва муҳими функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътибор дода, зимни таҳқиқу баррасии онҳо

хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок манзур карда шудааст. Таҳқиқи ҳар як функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар зербобҳои алоҳида ба бисёре аз масъалаҳои муҳим вобаста ба қонунгузории миллӣ равшанӣ андохтааст. Нуқтаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар автореферат пешниҳодшуда дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузории соҳаи мазкур мусоидат мекунанд.

Аз хулоса ва тавсияҳои илмию амалии дар автореферати диссертатсия зикршуда бармеояд, ки муаллиф зимни таҳқиқи ҳар як зербоб хулосаҳои муҳими назарию амалиро манзур кардааст. Аз ҷумла, мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шаклҳои амалисозии онҳоро аз нигоҳи муаллифона масъалагузорӣ ва пешниҳод намудааст.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Ализода И.И. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи қонунгузории соҳавӣ ҷиноятӣ, маданӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидаст. Ҳамзамон, зимни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои гуногуни умумиилмӣ ва махсуси илмӣ самаранок истифода бурдааст, ки хоси ба роҳ мондани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф ба ҷуз аз дастовардҳои назарраси илмию амалӣ инчунин дорои баъзе масъалаҳои баҳсноку посухталаб мебошад, ки онҳоро чунин қайд кардан мумкин аст:

1. Муаллиф дар автореферат қайд намудааст, ки «то кунун намудҳои дақиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст» (саҳ. 17). Аммо, дар ҷойи дигар (саҳ. 24) номгӯи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ёдовар шуда, онҳоро аз ҷумлаи функсияҳои умумиэътирофшуда шумоan ридааст. Ба назари мо андешаҳои муаллиф ба ҳам муқобил буда, шарҳу тавзеҳи иловагиро металабад. Зеро дар

адабиётҳои илмӣ олимони зиёди ватанию хориҷӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян кардаанд. Аз ҷумла, дар китобҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки андешаи худро асоснок намояд.

2. Муаллфи таҳқиқот дар тавсияи амалии якум зикр намудааст, ки «Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани адолати судӣ, осон кардани кори субъектони мурофиаи судӣ, татбиқи амиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар беҳтар мешуд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамзамон, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда мешуданд». Муаллиф, зимни таҳқиқот шарҳ надодааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар кардани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чи гуна ба дуруст роҳандозӣ намудани адолатӣ судӣ мусоидат намуда, чи тавр кори субъектони мурофиаи судиро осон менамояд? Ҳамзамон, муаллиф пешниҳоди худро дақиқу возеҳ манзур накардааст. Аз ҷумла, кадом функсияҳои ҷавобграии ҳуқуқӣ, дар кадом шакл ва дар кадом меъёри қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ норавшану баҳсбарангез ба назар мерасад. Муаллифро зарур аст, ки атрофи масъалаҳои мазкур мавқеи илман асосноки худро муайян намояд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шуданд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ ва норавшан буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои хукукшиносӣ, Ҳаитов С.П.

Имзои Ҳаитов С.П.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.

«16» 01 2025 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел: (992)231-08-43, Тел.: (992) 227-30-75, Email: tgfeu@mail.ru